«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
_______________ Ибодзода З.Ҳ.
аз «01» 06 соли 2021 № 02

# НИЗОМНОМАИ
# ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ
# МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Шурои олимони факултети МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд Низомнома) дар асоси Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 26.05. соли 2006 (№18/3) тасдиқ гардида, Низомномаи Шурои олимони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» бо қарори Шурои олимони донишкада 20.08 соли 2020 (протоколи №1) ҷонибдорӣ ёфта ва бо фармоиши ректори донишкада аз 20.08 соли 2020 (№01) ба тавсиб расида ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия карда шудааст.

1.2. Шурои олимони факултети донишкада ҷузъи таркибии сохтори факултети донишкада ба шумор меравад.

1.3. Низомномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти Шурои олимони факултет ва муносибати мутақобилаи онро бо дигар воҳидҳои сохтории факултет ва донишкада муайян менамояд.

1.4. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолияти салоҳиятҳо ва интихоби ҳайати Шурои олимони факултет мутобиқи Оинномаи донишкада ва Низомномаи факултети донишкада муқаррар карда мешавад.

1.5. Раиси Шурои факултет ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад карда наметавонад.

1.6. Таъсис, аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии он бо қарори Шурои олимони донишкада амалӣ мегардад.

1.7. Раиси Шурои олимони факултет фаъолияти худро дар асоси Низомномаи факултети донишкада ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.8. Фаъолияти илмӣ, илмию техникӣ ва инноватсионии Шурои олимони факултет дар шакли банақшагирии корҳои илмӣ аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедраҳо амалӣ гардонида мешавад.

1.9. Татбиқи корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултет аз ҷониби ҳайати омӯзгорони кафедра дар марказҳои илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, озмоишгоҳҳо, воҳидҳои сохтории он ва берун аз он ба роҳ монда мешавад.

## 2. Ташкили фаъолияти Шурои олимони факултет

2.1. Шурои олимони факултет мақоми идоракунӣ ба шумор рафта, намояндагии ҳайати факултетро ба уҳда дорад.

2.2. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳият ва интихоби ҳайати Шурои олимони факултет мутобиқи Оинномаи донишкада ва Низомномаи факултети донишкада муқаррар карда мешавад.

2.3. Ба ҳайати Шурои олимони факултет садорати факултет, мудири кафедра, омӯзгорон, созмонҳои ҷавонон, занон, шуроҳо ва иттифоқи касабаи кормандони донишкада дохил мешаванд.

Ба Шурои олимони факултет ба таври истисно омӯзгорони донишгоҳҳои тиббии кишвар ва берун аз кишвар, ки бо МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” шартномаи ҳамкорӣ доранд, метавонанд интихоб шаванд.

Шурои олимони факултет ҳуқуқ дорад, донишҷӯёни болаёқати факултетро барои таҷрибаомӯзӣ ба донишкадаҳои бурунмарзии бо МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” шартномаи ҳамкорӣ дошта, барои таҷрибаомӯзӣ тавсия диҳад.

2.4. Намояндагони воҳидҳои сохтории факултет ва дигар номзадҳо ҳамон вақт аъзои Шурои олимони факултет ва дигар номзадҳо интихоб мешаванд, ки агар ба тарафдории номзадии онҳо на камтар аз 3/2 ҳиссаи аъзои дар ҷаласа иштирок дошта овоз диҳанд.

2.5. Фаъолияти Шурои олимони факултет тибқи нақшаи корӣ Шурои олимони факултет, ки барои як соли таҳсил тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

2.6. Шурои олимони факултет ҳуқуқи қабул намудани қарорро ҳангоми иштирок доштани аз 3/2 ҳиссаи аъзои он дорад.

Қарори Шурои олимони факултет дар ҳолате қабул гардида ҳисобида мешавад, ки агар ба тарафдории он аз 3/2 ҳиссаи аъзои он овоз диҳанд. Қарори Шурои олимони факултет пас аз гузоштани имзои раиси Шуро ҳукми қонунӣ пайдо мекунад.

2.7. Бо қарори Шурои олимони факултет тибқи пешниҳоди ректор тағйиру илова ворид карда мешавад.

2.8. Дар ҷаласаҳои Шурои олимони факултет омӯзгорон ва дигар кормандон бо даъвати котиби шуро иштирок менамоянд.

2.9. Масъалаҳои аз ҷониби факултет ба Шурои олимони донишкада пешниҳодшаванда дар ҷаласаи Шурои олимони факултет мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

2.10. Тартиби кори Шурои олимони факултет мувофиқи Низомномаи Шурои олимони факултет, ки аз ҷониби Шурои олимони донишкада тасдиқ мегардад, амалӣ карда мешавад.

2.11. Тартиби ташкил ва ҳуҷҷатгузории Шурои олимони факултет ба уҳдаи котиби Шуро, ки бо қарори Шурои олимони факултет аз ҳисоби аъзои он интихоб мегардад, гузошта мешавад.

## 3. Салоҳиятҳои Шурои олимони факултет

3.1. Ҳисоботи фаъолияти семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солонаи факултетро мешунавад ва қарори дахлдор қабул менамояд.

3.2. Доир ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба нақшаи кории факултет таклифҳо пешниҳод менамояд.

3.3. Масъалаҳои асосиро доир ба амалӣ намудани ташкили фаъолияти таълимӣ, илмию методӣ, таълимию тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ ва дигар масъалаҳои дар самти тайёр намудани мутахассисонро муайян менамояд. Аз ҷумла номгӯйи ихтисосҳо, гуруҳҳои таълимӣ ва шумораи онҳо, методҳои муосири таълим ва шаклҳои назорати дониши донишҷӯёнро муайян мекунад.

3.4. Нақшаи миёнамуҳлат, дурнамо ва мавзуи пажӯҳишҳои илмиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд.

3.5. Масъалаҳои такмили идора ва сохтори факултет, аз ҷумла, ташкил (барҳамдиҳӣ)-и кафедра, гурӯҳҳои академӣ, марказҳо, озмоишгоҳҳо, шуъбаҳо ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва дигар хизматрасониҳоро баррасӣ менамояд.

3.6. Комиссияи тафтишотӣ, таълимӣ-методии дохили факултетро интихоб ва тасдиқ менамояд.

3.7. Масъалаҳои тайёр намудан, такмили ихтисос, ҳавасмандкунии омӯзгорон ва донишҷӯёни болаёқати факултетро ба мукофотҳои дар донишкада пешбинишуда баррасӣ ва ба Шурои олимони донишкада пешниҳод менамояд.
3.8. Масъалаҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи донишкада ба салоҳияти он мансуб намудаанд, ҳал мекунад.

## 4. Уҳдадорӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои раиси Шурои олимони факултет

4.1. Фаъолияти Шурои олимони факултетро тибқи Низомномаи Шурои олимони факултет ба роҳ монда, роҳбарии онро декани факултет ба зимма мегирад.
4.2. Стратегияи рушди илмии факултетро коркард менамояд.
4.3. Фаъолияти илмии кафедраҳои факултетро дар иҷрои таҳқиқотҳои бунёдӣ ва илмию амалӣ ва инноватсионӣ назорат менамояд.
4.4. Вобаста ба дархости роҳбарият оид ба масъалаҳои илмию таҳқиқотӣ, иннноватсионӣ ва дигар масъалаҳо сари вақт иттилооти зарурӣ манзур менамояд.
4.5. Ташкил ва баргузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, озмунҳои илмии донишҷӯён ва олимони ҷавонро ба роҳ мемонад.
4.6. Дар доираи салоҳияти худ ба аъзои Шурои олимони факултет дастуру супоришҳо медиҳад ва иҷрои саривақтии онҳоро талаб мекунад.
4.7. Барои иҷрои ҳалли масъалаҳои вобаста ба самти фаъолияти Шурои олимони факултет аз роҳбарияти донишкада дастур мепурсад.
4.8. Ба сафари хизматӣ оид ба масъалаи корҳои илмӣ, гурӯҳҳои корӣ, иштирок дар ҷаласаҳои машваратӣ, семинар, симпозиумҳо сафар намудани аъзои Шурои олимони факултет дар мувофиқа бо ректор иҷозат дода мешавад.

## 5. Қатъ гардидани фаъолияти Шурои олимони факултет

5.1. Фаъолияти Шурои олимони факултет бо қарори Шурои олимони донишкада ва бо розигии муассис қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада 28.05 соли 2021 (протоколи № 11/4-1 ) баррасӣ гардида, маъқул дониста шудааст.